“Тасдиқ мекунам”
Ректори МТҒ “Донишкадаи
тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон”
__________ Ибодзода З.Х.
« 04 » 03 2023, № 7

# БАРНОМАИ РУШДИ МУАССИСАИ ТАЪЛИМИИ ҒАЙРИДАВЛАТИ “ДОНИШКАДАИ ТИББӢ-ИҶТИМОИИ ТОҶИКИСТОН” БАРОИ СОЛҲОИ 2023-2028

Душанбе 2023

Wondershare PDFelement
Сканировано с CamScanner

Wondershare PDFelement

**МУНДАРИЧА**


1. Муқаррароти умумӣ.......................................................................3-4
2. Хусусиятҳои умумӣ, ҳадафҳо ва вазифаҳои Барнома...................................4-5
3. Тавсифномаи донишкада.........................................................................5-8
3.1 Фаъолияти донишкада..................... ..............................................................8-9
4. Мақсад ва натиҷагирӣ аз Барнома.................................................................9-11
4.1. Нақши донишкада дар ҳалли масъалаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ дар микёси ҷумҳурӣ.......................................................................................11-12
5. Модели мақсадноки рушди Донишкада .
5.1. Миссия, биниш, ҳадафи стратегӣ ва ҳадафҳои рушди Донишкада................12-18
6. Фаъолияти барномаи рушди стратегӣ
6.1. Лоиҳаи “Модернизатсияи фаъолияти таълимӣ”............................................18-22
6.2. Нишондиҳандаҳои (индикаторҳои) мақсадноки лоиҳа.............................22-23
7. Лоиҳаи «Такмили таҳқиқот ва фаъолияти инноватсионӣ»........................23-26
8. Лоиҳаи “Такмили сиёсати кадрҳо ва такмили ихтисоси кадрҳо..............26-29
9. Лоиҳаи «Модернизатсияи фаъолияти тиббӣ ва механизмҳои ҳамкорӣ бо мақомоти маҳалии соҳаи тандурустӣ».........................................................29-30
10. Лоиҳаи «Рушди низоми ҳамкориҳои байналмиллалӣ ва робитаҳои хориҷӣ».................................................................................................30-32
11. Лоиҳаи "Иттилооткунонии системаи идоракунии донишкада” ............32-33
12. Лоиҳаи “Беҳтар намудани муҳити иҷтимоӣ ва тарбиявӣ”............. ........33-34
13. Дастгирии молиявии Барнома...................................................................34-35
14. Натиҷаҳо ва хатарҳои пешнибишаванда дар татбиқи Барнома.
14.1 Натиҷаҳои ниҳоӣ интизорӣ. Арзёбии самаранокии иҷтимоию иқтисодии барномаи рушд.....................................................................................36-39
Идоракунӣ ва татбиқи Барнома..........................................................41-43


Wondershare PDFelement

Wondershare PDFelement

# 1.Муқаррароти умумӣ

1.Барномаи рушди Муассисаи таълимии ғайридавлатии “Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон” барои солҳои 2023-2028 (Минбаъд Барнома) раванди рушди минбаъдаи Муассисаи таълимии ғайридавлатии “Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон”-ро муайян менамояд.

2.Имрӯз соҳаи маориф ва тандурустӣ марҳилаи бузурги дигаргунсозиҳоро паси сар карда истодааст. Агар аз як тараф дар ин самтҳо тағйироти берунии дар ҷомеа ба вуқуъ омадаистода сахт таъсир расонад, аз ҷониби дигар рушди ояндаи ин самтҳо барои рушди иқтисодию иҷтимоии ояндаи ҷомеъа ҳалкунанда мебошанд. Системаи муосири таҳсилоти олии касбӣ мунтазам тағйир меёбад. Тағйироте, ки дар самтҳои дурнамои рушди таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал омадаанд, муайян кардани афзалиятҳо ва самтҳои рушди донишкадаро дар оянда талаб менамояд.

3.Барномаҳои ҷиҳати татбиқи тадбирҳои сиёсати давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ ва маориф нигаронида шуда, коркарди рушди низоми инноватсионӣ, технологияҳои муҳим ва салоҳиятҳоро дар тибби муосир дарбар гирифта, ба таъмини нигоҳдорӣ ва беҳбудии саломатии аҳолӣ нигаронида шудааст.

4.Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифзи соҳаи тандурустӣ яке аз соҳаҳои афзалиятнок буда, таъмини он аз омода намудани мутахассисони соҳаи тиб дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии соҳаи тиб алоқамандии ногузастанӣ дорад.

5.Барномаи рушди Муассисаи таълимии ғайридавлатии “Дониишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон” дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Стратегияи ҳифзи солимии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Стратегияи рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои то соли 2030 таҳия карда шудааст.

6.Дурнамои Барномаи мазкур мутобиқи афзалият ва уҳдадориҳои Стратегияи рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дар доираи ҳадафҳое, ки дар ин ҳуҷҷатҳо ба чунин самтҳо: (1) маориф; (2) тандурустӣ; (3) шуғл; (4) нобаробарӣ; (5) мубориза бар зидди коррупсия; (7) идоракунии самаранок; (8) ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ афзалият дода шудааст, Барномаи рушди донишкада дар ин замина таҳия карда шуда, самти омода намудани кадрҳои дорои дараҷа ва унонвони илмӣ, мустаҳкам намудани заминаи моддию техникӣ, баланд бардоштани сифати таҳсилот ва дараҷаи донишандӯзии донишҷӯён, омода намудани мутахассисони дорои маҳорат, малака ва солоҳиятҳои хуби касбӣ, хусусан дар самти мутахассисон психологҳои тиббӣ ва кормандони

тиббӣ-иҷтимоӣ-психологӣ барои кӯмак намудан дар самти иҷтимоии аҳолиро дарбар гирифта, онро таъмин менамояд.

7.Донишкада зарурияти афзалиятҳои ҷумҳуриро дар самтҳои дар боло қайд гардида, барои дар амал татбиқ намудан, Барномаи рушди Муассисаи таълимии ғайридавлатии «Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон»-ро барои солҳои 2023-2028 таҳия намуда, дар ин замина барои омода намудани мутахассисони соҳаи тиб, хусусан тиббӣ-иҷтимоӣ ва психолгияи тиббӣ, ки айни ҳол ҷомеъи шаҳрвандӣ ба ин ниёз дорад, кӯшиш ба харҷ медиҳад.

8.Таҳсил дар донишкада ба принсипҳои дастрас будани он вобаста ба қобилият, истеъдод ва талаботи ҳар як шахс, муайян намудани самтҳои афзалиятноки пешрафти илму техника, технология, инчунин тайёр намудани мутахассисон, тарбияи шаҳрвандӣ, ҳифз ва рушди дастовард ва анъанаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ҳамоҳангсозии низоми он бо фазои ҷаҳонии таҳсилот, мунтазамӣ ва давомнокии раванди таълим асос меёбад.

## 2.ХУСУСИЯТҲОИ УМУМӢ, ҲАДАФҲО ВА ВАЗИФАҲОИ БАРНОМА

### 2.1.ҲАДАФҲОИ БАРНОМА

Ҳадафи Барнома аз рушди самтҳои афзалиятноки низомҳои самараноки идоракунии соҳаи маориф ва тиб дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат буда, таваҷҷуҳи бештар ба сифати таҳсилот, маблағгузории устувор, таъминот бо кадрҳои дорои дараҷа ва унвони илмӣ, рушди технологияҳои муосир, малакаҳои касбӣ ва салоҳиятҳое, ки ҷавонон ва калонсолон дар ҷараёни таҳсил ба даст меоранд, ки он ба қобилият ва донишомӯзии ҳар яки онҳо вобаста мебошад, равона карда шудааст. Дар навбати худ донишкада бояд фазоеро муҳайё созад, ки барои рушд ва салоҳиятҳои субъектҳои раванди таълим мувофиқ бошад.

**2.2.Ҳадафҳои Барнома ба принципҳои зерин асос меёбад:**

-такмили раванди қабули қарорҳои бо далелҳо асоснок карда шуда дар фаъолияти донишкада;

-таъмини адолат дар дастрасӣ ва иштироки баробар дар ҳама зинаҳои таҳсилот барои ҳама табақаҳои аҳолӣ дар тамоми тӯли ҳаёт;

-қонеъ гардонидани талаботи шахс дар самти рушди қобилияти зеҳнӣ, фарҳангӣ ва ахлоқӣ, тавассути гирифтани таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаҳои олии таълимӣ дар соҳаи интихобкардаи фаъолияти касбӣ;

-қонеъ гардонидани талаботи ҷомеа ва давлат ба мутахассисони тиббӣ-иҷтимоӣ-психологӣ ва психологҳои тиббӣ;

-рушди илмҳои тиббӣ-иҷтимоӣ, фаъолияти тиббӣ-иҷтимоӣ, психологияи тиббӣ ва дигар самтҳои муосир тавассути гузаронидани таҳқиқотҳои илмӣ, фаъолияти эҷодии кормандони илмию педагогӣ ва донишҷӯён, таҳия ва татбиқи дастовардҳои муосир дар бахши усулҳои

Wondershare PDFelement

нави ташхис ва табобат, истифодаи натиҷаҳои бадастомада дар раванди таълим ва ҳифзи тандурустии аҳолӣ;

-баланд бардоштани сифати таҳсилот ва аҳамияти соҳаи маориф дар ҳама самтҳо, бидуни ҳеҷ гуна зӯроварӣ ва ҷудошавии иҷтимоӣ вобаста ба ҷинс, синну сол, мавқеъ, сатҳи даромад ва камбизоатӣ, нажод, мансубияти этикӣ, диннӣ, шаҳрвандӣ ва дигар категорияи иҷтимоии шаҳрвандон;

– рушди илмҳои тиббӣ-иҷтимоӣ, психологияи тиббӣ ва дигар самтҳо тавассути таҳқиқотҳои илмӣ ва фаъолияти эҷодии ҳайати профессорону омӯзгорон ва донишҷӯён, истифодаи натиҷаҳои бадастомада дар фаъолияти таълимӣ, ҳифзи иҷтимоӣ ва тандурустии аҳолӣ;

-таҳияи Стандарти баҳодиҳии сифати таҳсилот дар донишкада;

– тайёрии касбӣ, табодули таҷриба, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси мутахассисони дорои таҳсилоти иҷтимоӣ-тиббӣ, психологияи тиббӣ, реаблитологҳои тиббӣ ва фармасевтӣ, инчунин дигар кормандони илмӣ ва педагогӣ;

-таҳия ва татбиқи дастовардҳои навтарини илм, усулҳои нави ташхис ва табобат аз ҷониби табибони донишкада;

-ҳифз ва такмили арзишҳои ахлоқӣ, ватандустӣ, фарҳангӣ ва илмии донишҷӯён.

-ба сатҳи байналмилалӣ мувофиқ намудани нақша ва барномаҳои таълимии ихтисосҳои донишкада:

2.3.Барномаи рушди донишкада дар доираи як чанд лоиҳаҳо ба монанди: азнавсозии мазмуни таҳсилот, фаъолияти таълимӣ, илмию таҳқиқотӣ ва инноватсионӣ, рушди захираҳои инсонӣ, фаъолияти тиббӣ, ҳамкориҳои байналмилалӣ, азнавсозии заминаи моддию техникӣ ва инфраструктураи он, таъминоти иттилоотӣ, фаъолияти молиявию иқтисодии донишкада, амалӣ карда мешаванд.

Рафти иҷрои нишондиҳанда Барномаи рушди донишкада ҳамасола дар Шурои олимон ва Раёсати донишкада мавриди баррасӣ қарор мегирад. Факултетҳо, раёсат, шуъбаҳо, кафедра ва дигар сохторҳою зерсохтори донишкада, тавассути татбиқи нақшаҳои кории донишкада, ҳадафҳо ва сиёсати сифат, нақшаҳои кории ҷорӣ, нақшаҳои чорабиниҳои гузаронидани ислоҳот ва пешгирикунӣ дар татбиқи Барномаи мазкур рушд менамоянд.

2.4.Ҳадафҳои асосии Барнома ҷалби бештари довталабон ба донишкада дар самти тиббӣ-иҷтимоӣ, психологияи тиббӣ ва омода намудани мутахассисони дорои маҳорат, малака ва салоҳиятҳои хуби касбӣ, барои соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

## 3.ТАВСИФНОМАИ ДОНИШКАДА

Wondershare PDFelement

Муассисаи таълимии ғайридавлатии «Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон» нахустин муассисаи таҳсилоти олии касбии ғайридавлатии тиббӣ-иҷтимоии зодаи даврони Истиқлолият буда, он соли 2020 дар асоси қарори Муассиси донишкада д.и.т., профессор Ибодов Ҳ. ва бо ибтикори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъсис дода шуд. Донишкада ҷиҳати расонидани кумаки тиббӣ-иҷтимоӣ ва тиббӣ-психологӣ ба шахсоне, ки мубталои бемориҳои сироятиву ғайрисироятӣ мегарданд, таъсис дода шуда, ҳамчун муассисаи тахилоти олии касбии ғайридавлатӣ сиёсати давлатро дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ, барои таъмини ҳуқуқҳои конститутсионии ҳар як шахс, ҷиҳати дарёфти таҳсилоти олии касбӣ шароит фароҳам меоварад.

Донишкада бо маблағгузории Муассисаи давлатии "Фонди соҳибкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон" дар муддати 3 сол сохта ба истифода дода шудааст. Инчунин, дар назди донишкада Маркази клиникӣ, илмӣ-таълимӣ фаъолият дорад.

Донишкада дорои иҷозатнома аз ҷониби Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пешбурди фаъолияти Т-ИФ №0000001 аз 03.08.2020 ва шаҳодатномаи аккредитивии Т-АД №000931 аз 04.11.2022 барои ихтисосҳои: "Психологияи тиббӣ", "Кори табобатӣ", "Стоматология", "Фармосевтӣ" зинаи мутахассис ва ихтисоси "Кори иҷтимоӣ (фаъолияти иҷтимоӣ-тиббӣ-психологӣ)" зинаи бакалавриат мебошад. Рақами мушаххаси андозсупорандаи донишкада №040048540 буда, донишкада дорои шаҳодатномаи бақайдгирии давлатии №0410027769 аз 31-марти соли 2017 мебошад, ки он дар Бахши бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе ба қайди давлатӣ гирифта шудааст.

Мутобиқи талаботҳои гузаронидани чорабиниҳои таълимӣ донишкада ба талаботи муқаррааргардидаи бехатарии санитарию эпидемиологӣ ва сӯхтор мутобиқ гардонида шуда, бинои таълимии донишкада ва Маркази клиникӣ, илмӣ-таълимии донишкада ба талаботҳои санитарию эпидмиологӣ ва ҳифзи талаботҳои бехатарии сӯхтор ҷавобгӯ мебошанд.

Фаъолияти донишкада тибқи талаботи қарор ва қонунгузории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Оинномаи донишкада дар асоси мутобиқи принсипҳои ягонага ва коллегиалӣ амалӣ гардонида мешавад. Мақомоти ягонаи идоракунандаи донишкада ректор мебошад, ки ба фаъолияти донишкада роҳбарӣ менамояд.

Мақомоти коллегиалии идоракунии донишкада ҷаласаи умумии ҳайати профессорон ва омӯзгорони донишкада, намояндагони дигар категорияҳои коргарон ва донишҷӯён (минбаъд — Ҷаласаи умумӣ), Шурои олимони донишкада ва дигар органҳои коллегиявие, ки дар Оинномаи донишкада пешбинӣ шудаанд, ба ҳисоб меравад.

Wondershare
PDFelement

Роҳбарии умумии фаъолияти донишкадаро мақомоти намояндагии интихобшавандаи Шурои олимони донишкада, ки ба он ректор раиси он, аъзоёни Шуро муовинони ректор, инчунин бо қарори Шурои олимони донишкада деканҳои факультетҳо дохил карда мешаванд, инчунин аъзёнои дигари Шурои олимони донишкада дар Ҷаласаи умумии ҳайати профессорон ва омӯзгорони донишкада бо тариқи овоздиҳии пинҳонӣ интихоб карда мешаванд дохил машаванд. Муҳлати ваколати аъзоёни Шурои олимон 5 сол муқаррар карда шудааст.

Роҳбари ба самтҳои алоҳидаи фаъолияти донишкада аз ҷониби муовинони ректор: оид ба таълим, оид илм ва инноватсия, оид ба робитаи байналмилалӣ, оид ба тарбия ва корҳои табобатӣ ва рушди нигаҳдории тандурустӣ мувофиқи дастурамалӣ вазифавиашон, ки аз ҷониби ректори донишкада ба вазифа таъин карда мешаванд, амалӣ карда мешавад.

Донишкада дорои 20 кафедра, Маркази клиникӣ, илмӣ-таълимӣ буда, инчунин, бо 39 муассисаҳои тиббӣ профилактикӣ ва клиникии шаҳри Душанбе шартномаи ҳамкорӣ дорад.

Ректори донишкада бевосита ба воҳидҳои сохтории донишкада: муовини ректор оид ба таълим, муовини ректор оид ба илм ва инноватсия, муовини ректор оид ба тарбия, муовини ректор оид ба корҳои табобатӣ ва рушди нигаҳдории тандурустӣ, муовини ректор оид ба муносибатҳои байналмилалӣ, шуъбаи молиявию хоҷагидорӣ, шуъбаи идоракунии кадрҳо ва деканҳои факултетҳо роҳбарӣ менамоянд.

Муовини ректор оид ба таълим ба масъалаҳои умумӣ воҳидҳои сохтории донишкада: кафедраҳои умумидонишкадавӣ ва тахассусӣ, Раёсати таълим, Маркази бақадгирӣ машваратӣ ва имтиҳониро роҳбарӣ менамояд.

Муовини ректор оид ба илм ва инноватсия шуъбаи аспирантура, докторантура ва доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯи ихтисос, шуъбаи таҳрир ва нашриёт ва фаъолияти китобхонаи донишкадаро роҳбарӣ менамояд.

Муовини ректор оид ба корҳои табобатӣ ва рушди нигаҳдории тандурустӣ кафедраҳои клиникӣ, Маркази клиникӣ, илмӣ-таълимӣ дармонгоҳи машваратию ташхисӣ, маркази таҳлилӣ ва методии рушди нигаҳдории тандурустӣ, инчунин, 38 муассисаҳои тиббӣ профилактикӣ ва клиникӣ шаҳри Душанбе, ки донишкада ба онҳо шартномаи ҳамкорӣ дорад, маркази шуғли хатмкунандагон ва маркази саломатии донишкадаро роҳбарӣ менамояд.

Муовини ректор оид ба фаъолияти байналмилалӣ ҳамкориҳои байналмилалии воҳидҳои сохтории донишкада ва роҳбарии факултети донишҷӯни хориҷиро ба зимма дорад.

Муовини ректор оид тарбия фаъолияти корҳои тарбиявӣ, Шурои сарпарастон, роҳбарии кураторони гурӯҳҳои академикӣ ва корҳои варзиширо ба ӯҳда дорад.

Wondershare
PDFelement

Факултетҳои донишкадаро деканони факултетҳо роҳбарӣ намуда, органи олии онҳо Шурои олимони факултетҳо мебошад. ки бо овоздиҳии пинҳонӣ дар Шурои олимони факултетҳо ба муҳлати то 5 сол интихоб карда шуда, бо фармиши ректор тасдиқ карда мешаванд.

Барои таъмини сифати таҳсилот ва назорат оид ба тайёрии мутахассисон дар донишкада воҳидҳои функсионалӣ, иттиҳодияҳои коллегиалӣ ва ҷамъиятӣ таъсис ва фаъолият менамоянд:

-таҳти роҳбарии ректор: ҷаласаҳои Шурои олимон ва Раёсати донишкада, ректорат, комиссияи қабул, комиссияи имтиҳонӣ, комиссияи шикоятӣ, шурои ҷамъиятии назди ректор, комиссияи ягонаи хариди мол, кор, хизматрасонӣ барои эҳтиёҷоти донишкада, комиссия оид ба ҳолатҳои фавқулодда ва бехатарӣ аз сӯхтор, комиссия оид ба таъмини фаъолияти устувори донишкада қарор дорад;

-таҳти роҳбарии муовини ректор оид ба таълим: шурои олимони факултетҳои тиббӣ, шурои олимони факултетҳои фармасевтӣ ва стоматология, шурои олимони факултетҳои психологияи тиббӣ, кори иҷтимоӣ, раёсати таълим, шурои маркази методӣ, шурои сифати таҳсилот, шурои донишҷӯён оид ба сифати таҳсилот, шурои иттилоотӣ, маркази лоиҳаҳои, таълимӣ, комиссияҳои методии фаннӣ, комиссияи аттестатсионӣ оид ба масъалаҳои барқарор, интиқоли донишҷӯён, интиқол ва аз нав супоридани имтиҳон, комиссия оид ба кам намудани маблағи таҳсил;

-таҳти роҳбарии муовини ректор оид ба илм ва инноватсия: шурои маркази илмӣ, шуроҳои коршиносон, шуроҳои диссертатсионӣ, маркази лоиҳаҳои (барномаҳои) инноватсионӣ, маркази илмию инноватсионӣ, шурои таҳририӣ ва нашриёт, шурои илмии олимони ҷавон, ҷамъияти илмии донишҷӯён;

-таҳти роҳбарии муовини ректор оид ба ҳамкории байналмилалӣ: Шурои факултети донишҷӯёни хориҷӣ, ҳамкори бо сафоратҳои давлатҳои хориҷи дуру наздик, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон намояндагӣ доранд ва дигар самти ҳамкориҳои байналмилалӣ;

-таҳти роҳбарии муовини ректор оид ба муолиҷавӣ ва инкишофи нигаҳдории тандурустии шурои парасторон, шурои тиббӣ, комиссияи тиббӣ дар дармонгоҳи консултативию диагностикӣ, комиссия оид ба инкишофи нигаҳдории тандурустӣ;

-таҳти роҳбарии муовини ректор оид ба тарбия, шурои сарпарастон, шурои корҳои тарбиявӣ, шурои худидоракунии донишҷӯён, шурои ҷамъиятии донишҷӯёни хобгоҳҳо, комиссия оид ба ахлоқ, комиссияи кор бо донишҷӯёни бепарастор, клуби варзишии донишҷӯён- «Варзишгар», ситоди дастаҳои донишҷӯён, ситоди дастаҳои ихтиёрӣ, комиссия оид ба мубориза бо коррупсия, комиссия оид ба мубориза ба экстремизм ва терроризм ва комиссия оид ба танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар донишкада;

Wondershare
PDFelement

-тахти роҳбарии деканҳои факултетҳо: шурои факултет, раёсати факултет, шуроҳои методии факултетҳо, комиссияҳои методии давравии фанҳои умумитахассусӣ ва тахассусӣ:

Дар донишкада ташкилотҳои ҷамъиятии донишкадавӣ ташкил карда шудааст: комитети иттифоқи касабаи ҳайати профессорон ва омӯзгорон, комитети иттифоқи касабаи донишҷӯён, шурои духтарон ва созмони ҷавонон.

Мутобиқи талаботи Оинномаи донишкада санадҳои меъёрии ҳуқуқии дохилидонишкадавӣ таҳия шудаанд, ки вазъи ташкилию ҳуқуқӣ, вазифа ва дастурамалҳои вазифавии воҳидҳои сохториро муайян мекунанд. Дар самтҳои асосии фаъолияти донишкада шартомаи ҳамкорӣ бо 38 муассисаи тиббию профилактикии шаҳри Душанбе шартномаҳои ҳамкорӣ баста шудааст, ки фазои таълимӣ ва амалии донишкадро васеъ менамояд.

**3.1.ФАЪОЛИЯТИ ДОНИШКАДА**

Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон яке аз аввалин донишкадаи тиббӣ-иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷиистон ба ҳисоб меравад, ки ба тайёр намудани кормадони тиббӣ-иҷтимоӣ-психологӣ ва психиологияи тиббӣ машғул мебошад.

Дар соли таҳсили 2022 ҳайати профессорону омӯзгорони донишкада **170** нафар буда, **105**(61,8%) нафари онҳо омӯзгорони асосӣ ва **65**(38,2%) нафари дигарашон омӯзгорони ҳамкор мебошанд. Аз теъдоди умумии омӯзгорон **51**(30%) нафари онҳо дорои дараҷа ва унвони илмӣ мебошанд.

Аз ҳисоби **105** нафар кормандони асосӣ **38** (36,5%) нафари онҳо кормандони дорои дараҷа ва унвони илмӣ буда, 9 нафари онҳо докторҳои илм, профессор ва як нафар узви вобастаи АМИТ мебошад.

Теъдоди умумии омӯзгорони ҷавон **33** нафар буда, **5** (15,1%) нафари онҳо омӯзгорони дорои дараҷа ва унвони илмӣ дошта мебошанд.

Теъдоди умумии занҳои дар донишкада фаъолияткунанда **64** (37,6%) нафар, аз ин теъдод **12** (18,6%) нафари онҳо дорои дараҷа ва унвони илмӣ буда, роҳбарони сохторҳои донишкада мебошанд.

Дар се соли охир аз шумораи умумии ҳайати профессорону омӯзгорони донишкада **52**(48,6%) нафари онҳо аз такмили ихтисос гузаштанд.

Теъдоди донишҷӯёни донишкада сол аз сол зиёд гардида истода аз 218 нафар донишҷӯёни дар оғози фаъолияти донишкада қабулгардида, дар се соли таҳсил шумораи онҳо 1802 нафар баробар гардида, аз ин теъдод 646(35,8%) нафар донишҷӯдухтарон ва 1156 (64,2%) нафарро донишҷӯписарон ташкил медиҳанд.

Аз теъдоди умумии донишҷӯёни донишкада 35 (2%) нафар донишҷӯёни хориҷӣ буда, аз ин шумора 2 нафар аз Ҷумҳурии Ӯзбекистон, 22 нафар аз Ҷумҳурии Ҳиндустон, 8 нафар аз Ҷумҳурии Покистон, 1 нафар аз Ҷумҳурии Бангладеш ва аз Ҷумҳурии Нигерия 2 нафар мебошанд, ки нисбат ба соли гузашта 24 нафар зиёд мебошанд.

Wondershare PDFelement

Теъдоди донишҷӯён тоҷикистонӣ нисбат ба соли аввал 1574 нафар зиёд гардидаст.

Донишкада ҳамасола дар рейтингҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2021 ҷойи 22 ишғол намуда буд, айни ҳол нисбати соли гузашта нишондиҳандаҳои донишкада беҳтар гардидааст.

Самти афзалиятноки мавқеъӣ донишкада дар сатҳи байналмилалӣ, ин густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ дар доираи фаъолияти таълимӣ ва илмӣ мебошад, ки айни ҳол донишкада дар самти ҳамкории байналмилалӣ бо як қатор муваффақиятҳо ноил гардидааст аз ҷумла, Донишкада дар рӯзи 21.03.2023 ба феҳристи донишгоҳҳо ва донишкадаҳои тиббии байналмилалӣ ворид шуд (World Directory of Medical Schools -info@wdoms.org ).

Инчунин, донишкада бо Академияи тиббӣ-техникии Руссия, Муассисаи таълимии ғайридавлатии “Донишгоҳи тиббии Украина”, Донишгоҳи Хансаи Малайзия (Махса *University),* Донишгоҳи тиббии шаҳри Самарқанд ва Донишгоҳи илмӣ-таҳқиқотии педиатрии Қазоқистон ҳамкории дуҷониба дар самти таҳсилот, корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, табодули таҷрибаи донишҷӯён ва ҳайати профессорону омӯзгорони донишкада ва дигар самтҳои соҳаи тиб ҳамкории судмандро ба роҳ мондааст.

Инчунин, донишкада бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Ҷумҳурии Ҳиндустон, Ҷумҳурии Покистон, Бангладеш ва Нигерия ҳамкорӣ дошта, аз ин ҷумҳуриҳо донишҷӯён дар донишкада таҳсил менамоянд.

Донишкада бо ширкати Гэтару Медиа ҳамкорӣ дар самти истифодаи китобхонаи электронии тиббӣ зиёда аз 20000 китобҳои тиббӣ истифода намудан, шартномаи тарафайн бастааст.

Барои амалӣ намудани вазифаи байналмилалии минбаъд барои баланд бардоштани нуфузи Донишкада дар бозори байналмилалии хизматрасонии таълимӣ, ҳамкорӣ дар соҳаи маориф ва илм бо ташкилотҳои таълимӣ ва илмии хориҷӣ, ки яке аз фаъолияти асосии донишҷӯён ва омӯзгорон мебошад, амалӣ карда мешавад.

Инчунин, донишкада бо Ҷумхурии Ӯзбекистон, Ҷумхурии Ҳиндустон, Ҷумҳурии Покистон, Бангладеш ва Нигерия ҳамкорӣ дошта, аз ин ҷумҳуриҳо донишҷӯён дар донишкада таҳсил намуда истодаанд.

Ҳамасола, аз Ҷумҳурии Россия доктори илмҳои тиб, профессорон барои хондани дарсҳои назариявӣ ва амалӣ ба донишкада ҷалб карда мешаванд.

**4.МАҚСАД ВА НАТИҶАГИРӢ АЗ БАРНОМА**

Тибқи рисолати донишкада ва бо дарназардошти мушкилоти муосир дар рушди соҳаи тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва маориф дар ҷумҳурӣ, ҳадафи дурнамои Барнома таъмини таҳсилоти босифат, дастрас ва серталаб, мувофиқ ба сатҳи донишкада рушди тиббии ватанӣ ва хориҷӣ тавассути рушди технологияҳои инноватсионии таълимӣ, ки ба амалия нигаронида шудааст, таҳқиқоти бунёдӣ ва амалии илмӣ дар

Wondershare
PDFelement

соҳаи илмҳои тандурустӣ ва тиб, илмҳои гуманитарӣ, иҷтимоӣ, равоншиносӣ, иқтисодиёт ва менеҷмент, кимиё ва биотехнология; эҷод ва татбиқи усулҳои нав дар тибби амалӣ ва клиникӣ; татбиқи модели шарикии иҷтимоӣ ба манфиати ҷомеа, ҷумҳурӣ ва умуман системаи тандурустӣ, ки ба беҳтар намудани саломатӣ ва баланд бардоштани сифати зиндагии аҳолӣ нигаронида шудааст.

**Барномаи рушди донишкада дар доираи 11 лоиҳа амалӣ карда мешавад:**

1.Рушди фаъолияти таълимӣ.
2. Рушди фаъолияти илмию инноватсионӣ.
3. Рушди дурнамоии кадрҳо.
4. Рушди фаъолияти тиббӣ.
5. Рушди фаъолияти байналмилалӣ.
6. Рушди кори тарбиявию варзишӣ ва солимгардонӣ
7. Рушди навсозии заминаи моддию техникӣ ва иҷтимоӣ-маданӣ, инфраструктура.
8. Рушди таъминоти иттилоотӣ.
9. Рушди сиёсати симои донишкада.
10. Рушди фаъолияти молиявию хоҷагӣ.
11. Рушди корҳои табобатию пешгирӣ аз беморӣ

Натиҷагирӣ аз Барнома, минбаъд ҳамасола дар ҷаласаҳои Шурои олимон, раёсати донишкада дар маърӯзаҳои муовини ректор оид ба таълим «Дар бораи рафти иҷрои нишондиҳандаҳои Барномаи рушди донишкада» баррасӣ карда мешавад.

Факултаҳо, кафедраҳо, раёсат ва шуъбаҳо дигар воҳидҳои сохтории Донишкада тавассути татбиқи нақшаҳои кории донишкада, ҳадафҳо ва баҳодиҳии сифати таҳсилот, нақшаҳои кории ҷорӣ, нақшаҳои ҷорабиниҳои даврӣ ва пешгирикунанда дар татбиқи Барнома иштирок менамоянд.

Дастовардҳои асосии донишкада дар оянда дар доираи татбиқи Барномаи рушди донишкада барои солҳои 2023-2028 амалӣ карда мешаванд, ки чунин самтҳоро дар бар мегирад:

-таҳия ва иҷозатномагирӣ барои барномаҳои магистратура дар бахшҳои тиб, психологияи тиббӣ, тиббӣ-иҷтимоӣ-психологӣ, фарматсияи саноатӣ, ординатура аз рӯи ихтисоси тиб, менеҷмент ва иқтисоди фарматсия;

-татбиқи технологияи рақамӣ - электронии ахборотии раванди таълим

-ташкили модели ба амалия нигаронидашуда, барои тайёр кардани мутахассисон, таълими дуалӣ, рушди таълими шабакавӣ, технологияҳои клиникӣ ва то клиникӣ дар омода намудани мутахассисон;

-ҳамгироии уфуқӣ ва амудии фанҳои клиникӣ бо илмҳои биологӣ-тиббӣ, психологӣ ва иҷтимоӣ;

-рушд ва такмили системаи ҷустуҷӯии иттилоотӣ – порталҳои донишкада «Таҳсилоти давомдори тиббӣ, тиббӣ-иҷтимоӣ-психологӣ, психологияи тиббӣ ва фармасевтӣ» дар зинаи “Интернатура”,

Wondershare PDFelement

«Ординатура», доктори фалсафа, доктор (PhD) доктор аз рӯи ихтисос ва дигар зинаҳои таҳсилот;

-ташаккули «Шабакаи аъло»-и иттилоотӣ дар самтҳои афзалиятноки тадқиқот;

-таъсиси «Мактаби захираи кадрии ҷавонон»;

-кушодани клиникаи стоматологии кӯдаконаи донишкада;

-ташаккули муҳити таълимии сезабона, эҷоди лоиҳаи Хадамоти Smart University;

-ташаккули институти кураторӣ, системаи дастгирии кураторону донишҷӯён;

-сохтмони толори калони анатомии донишкада;

-ташкили системаи ягонаи хизматрасониҳои электронии дохилӣ, аз ҷумла модулҳои таълимӣ ва идоракунӣ;

-сохтани хобгоҳ ва беморхонаи дуюми назди донишкадавӣ.

Айни ҳол донишкада барои амалӣ намудани вазифаҳои зерин кӯшиш намуда истодааст: рушди иқтидори кадрӣ; интернатсионализатсияи донишкада; рақобатпазирӣ дар байни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ; ҷорӣ намудани шакли шабакавӣ барои татбиқи барномаҳои таълимӣ; такмил додани системаи маркетинги фаъолияти байналмилалии таълимӣ ва илмӣ.

**4.1.Нақши донишкада дар ҳалли масъалаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ дар миқёси ҷумҳурӣ**

Имрӯз “Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон” маркази таълимӣ ва илмии ягона дар соҳаи тиб, тиббӣ-иҷтимоӣ-психологӣ ва психологияи тиббӣ дар ҷумҳурӣ мебошад, ки замина барои таҳия ва татбиқи технологияҳои инноватсионии тиббӣ, дорои ягона Маркази клиникӣ, илмӣ-таълимӣ дар қаламрави ҷумҳурӣ мебошад.

Донишкада вазифаи асосии стратегияи рушди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои то соли 2030 самти тандурустӣ, тиббӣ-иҷтимоӣ-психологӣ”, психологияи тиббӣ ва маорифро амалӣ менамояд. Дар ин замина муассисаҳои тиббӣ-профилактикӣ, ҳифзи иҷтимоии системаи тандурустиро бо кадрҳои баландихтисос ва рақобатпазир, ки дар бозори меҳнат талабот доранд, таъмин менамояд. Дар доираи лоиҳаҳои миллӣ рақамикунонӣ ва ташкили муҳити электронии иттилоотӣ-таълимӣ, ҳамчун яке аз самтҳои сиёсати инноватсионии донишкада амалӣ гардида, моделсозӣ, баҳодиҳии мустақили сифати таҳсилоти ба амалия нигаронидашуда ҷорӣ карда шуда, – таълими асоснок, технологияҳои муосири таълимӣ истифода мешаванд, инчунин, татбиқи таҳсилоти дуалӣ, шабакавӣ, технологияи клиникӣ «тамос бо беморон» низ амалӣ карда мешавад.

Рӯзҳои 28-29 октябри соли 2022 Конференсияи 2-юми ҷумҳуриявии илмӣ-амалии Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон, бо иштироки коршиносони бурунмарзӣ дар мавзӯи «Тибби-иҷтимоӣ - самти нави рушди таълим, амалия ва илм (дастовард, мушкилот ва рушди он) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» баргузор гардид, ки дар рафти он масъалаҳои

Wondershare PDFelement

кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ, ёрии таъчилӣ ва махсусгардонидашуда, расонидани ёрии паллиативӣ, нарасидани кадрҳои соҳаи тиббӣ-иҷтимоӣ-психологӣ ва психолгияи тиббӣ, инчунин пешгирӣ кардани тарзи ҳаёти солим баррасӣ карда шуданд.

Дар доираи ҳамкорӣ бо соҳаи амалияи тандурустӣ 15 нафар омӯзгорони кафедраҳои клиникӣ (8 нафар докторҳои илми тиб, 7 нафар номзадҳои илми тиб) корҳои машваратии тиббӣ ва табобатӣ мегузаронанд.

Донишкада ҳамчун ягона донишкадаи тиббӣ-иҷтимоӣ дар ҷумҳурӣ ҳалли мушкили соҳаи тиббӣ-иҷтимоӣ ва психологияи тиббиро дар ҷумҳурӣ дар оянда таъмин менамояд.

Дар донишкада низоми таҳсилоти иловагии касбии табибон бо истифода аз таълими электронӣ, технологияҳои таълими фосилавӣ, аз ҷумла, модулҳои интерактивии таълимӣ ва омӯзиши симулятсия ҷорӣ карда шудааст.

Такмили ихтисос ва бозомӯзии касбии кормандони соҳаи тиб, тиббӣ-иҷтимоӣ-психологӣ, психологияи тиббӣ ва фармасевтӣ дар донишкада ба 57 нафар омӯзгорон ташкил медиҳад.

Корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ҷузъи ҷудонашавандаи фаъолияти донишкада буда, ба тайёр намудани кадрҳои тиббӣ, илмӣ, педагогӣ, инчунин ба роҳ мондани таҳқиқоти фундаменталӣ ва амалӣ оид ба проблемаҳои асосии назариявӣ ва клиникии биотиббӣ, тиббӣ-иҷтимоӣ-психологӣ ва психологияи тиббӣ нигаронида шудааст.

Дар заминаи Маркази клиникӣ, илмӣ-таълимӣ, ки он бо таҷҳизоти замонавии муосир муҷаҳҳаз карда шудааст, лоиҳаҳои пешқадами илмӣ таҳия ва тадқиқоти илмӣ дар тарзи ҷарроҳӣ дар бахши эндоҷарроҳӣ ва эндоурологӣ, услубҳои нави табобат дар роҳҳои талхабарор: даруннигарии ретроградии холесистопанкреатографӣ (ЭРХПГ) ва папиллосфинктеротомия ҳангоми санги маҷрои роҳҳои талхагузар, стентгузории узвҳои ҳозима дар мавриди омосҳои бадсифат, услуби табобати эндоскопии ахалазияи сурхрӯда (Пневмодилятатсияи ҳалкамушаки кардиалӣ), бужкунонии сурхрӯда дар мавриди тангшавиҳои баъдисухтагӣ ва тангшавиҳо баъдигузоштани анастомоз ва ба таври эндоскопӣ бурида гирифтани омосҳои калони рӯдаи ғафс, бурда мешавад.

## 5. МОДЕЛИ МАҚСАДНОКИ РУШДИ ДОНИШКАДА.

### 5.1.Миссия, биниш, ҳадафи стратегӣ ва ҳадафҳои рушди Донишкада.

Ҳадафи рушди донишкада ҳивз, таҳким ва такмил додани саломатии аҳолӣ, расонидани кӯмаки тиббӣ-иҷтимоӣ ва тиббӣ-психологии шаҳрвандони ҷумҳурӣ ва минбаъд дар сатҳи байналмилалӣ тавассути паҳн ва татбиқи донишҳо ва принсипҳои прогресивии амалияи клиникӣ, тиббӣ-иҷтимоӣ, тиббӣ-психологӣ ва фарматсефтӣ, дар

Wondershare PDFelement

омодасозии мутахасисони дорои маҳорат, малака ва салоҳиятнок дар соҳаи тандурустӣ, ноил шудан ба дастовардҳои беҳтарин дар соҳаи илми тиб, тиббӣ-иҷтимоӣ, тиббӣ-психологӣ ва фарматсефтӣ, тибқи талаботи саломатии миллӣ ва байналмилалӣ, татбиқи модели шарикии иҷтимоӣ ба манфиати ҷомеа ва давлат. Донишкада мекушад, ки тавассути таълим ва тарбияи насли нави мутахасисони соҳаи тандурустӣ, тиббӣ-иҷтимоӣ ва психологияи тиббӣ, ки дорои тафакури интиқодӣ доранд, ба манфияти инсоният хизмат кунад. Омӯзиш ва таълим дар Донишкада ба ташаккули фаҳмиши асосӣ дар бораи доираи васеи фанҳо асос ёфта, пас аз он имкони омӯзиши амиқи мавзӯи интихобшуда бо дурнамои рушди пайвастаи касбӣ мансуб мебошад. Бо мақсади ғани гардонидан ва васеъ кардани ҳудуди мазмун ва мундариҷаи таълим, донишкада аз ҳамгироии дастовардҳои тадқиқоти тиббӣ дар илмҳои биотибби, клиникӣ, фарматсефтӣ, тиббӣ –иҷтимоӣ, психологияи тиббӣ дар таълими васеъ истифода мебарад. Ин ҳамгироӣ ба таълимӣ прогресивӣ интиқодӣ, таълими дуалӣ ва татбиқи принсипҳои муттаҳидсозии техналогияҳои анъанавӣ, муосир ва инноватсионии таълим мусоидат менамояд.

**Нишондиҳандаҳои Донишкада дар татбиқи барнома:**

-маркази пешбарии илмии тиббӣ, гуманитарӣ, тиббӣ-иҷтимоӣ, психологияи тиббӣ, иқтисод ва менеҷмент, технологияи кимиёвӣ ва биотехналогияро таъмин менамояд;

-муассисаи таълимии бонуфузе, ки дар он ҳайати омӯзгори баландихтисос, ки бо дониши амиқи бунёди ва таффакури эҷодӣ фарқ мекунад, таълим медиҳад;

-ташкилоте, ки дар он муносибати илмӣ ва саъю кушиш ба сифати таълим рушд ёфта, ба руҳияи коллективона барои ноил шудан ба мақсадҳо, таъмин намудани самараи баланд ва самараноки тамоми равандҳо кӯшиш ба харҷ медиҳад;

-донишкада дорои сатҳи баланди сифати барномаҳои таълимӣ омӯзиши фаъолияти иннаватсионӣ бо технологияҳои баланд, нигоҳ доштани таносуби байни раванди таълим ва тадқиқот мегардад;

-донишкада, татбиқи салоҳиятҳо ва самти касбияти хатмкунандагонро дар бозори меҳнатии дохилии ҷумҳурӣ дар оянда кафолат медиҳад;

-донишкада, ки дар он ҳар як корманд аз натиҷаи меҳнати худ ифтихор мекунад;

-донишкада ташкилоти таълимӣ, ки дар он саъю кушиши тамоми кормандон ба манфиати ҷамъият ва давлат нигаронида шудааст.

Сиёсати сифат, ки донишкада ба он асос гузошта истодааст ин таҳлили ҳадафҳо дар соҳаи сифати донишкада буда, дар ҳаммаи сатҳҳои идоракунӣ амалӣ карда мешавад. Барои мутобиқати доимӣ ба талаботи бозор ва хадамоти таълимӣ дар ҳаммаи самтҳо таҳлил карда мешаванд ва ба таъмини рақобатпазирии донишкада дар бозори хизматрасонии таълимии ҷумҳурӣ ва вобаста ба арзишҳои миллӣ нигаронида шудааст.

Wondershare
PDFelement

Сиёсати ҳуқуқӣ, меъёрӣ, интизомӣ, самтҳои асосии фаъолияти донишкадаро муайян намуда, умуман ба татбиқи самтҳои афзалиятноки (ё мушаххаси) рушд мусоидат мекунад.

**Афзалиятҳои донишкада дар татбиқи Барнома инҳоянд:**

-таъмини рушди устувори динамикии инноватсионии донишкада;

-такмили доимии системаи идоракунии сифати донишкада дар асоси самтнокӣ, раванд ва системавӣ;

-амалӣ намудани донишкада мувофиқи талаботи стандартҳои байналмилалӣ ва давлатии ISO ва силсилаи Менеҷменти сифат, стандартҳо ва дастурҳои Барномаи Балония оид ба кафолати сифат дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ ва стандартҳои давлатии таълимӣ;

-қонеъ гардонидани талаботи шаҳрвандон, ҷомеа ва давлат ба сифати таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти иловагӣ;

-салоҳияти касбии кормандони илмӣ-педагогӣ;

-рушд ва татбиқи технологияҳои инноватсионии ба амал нигаронидашуда ба фаъолияти таълимӣ, илмӣ ва клиникӣ тавассути дастгирии ҳайати илмӣ-педагогӣ ва ғояҳои самаранок;

- баланд бардоштани сатҳи азхудкунии салоҳиятҳо дар асоси ягонагии равандҳои таълимӣ, илмӣ, инноватсионӣ ва рушди пешрафта мазмуни таълим нисбат ба фаъолияти амалии касбӣ;

-сармоягузории кофӣ барои рушди босуръати маблағҳо барои заминаи мустаҳкам намудани моддӣ- техникии донишкада;

-истифодаи механизми шарикии хусусӣ-давлатӣ ва ҷалби сармоягузории хусусӣ;

-иштироки ҳайати профессорон ва омӯзгорон дар тамоми соҳаҳои фаъолияти донишкада бо мақсади татбиқи мақсад ва иқтидори донишкада;

-ташаккули рӯҳияи роҳбарӣ ва фарҳангӣ корпоративӣ дар донишкада, қобилияти зиндагии шоиста ва мавқеъгирӣ дар муҳити рақобат;

- рушди ҳамаҷонибаи шахсияти мутахассиси оянда бо касбияти баланд, салоҳиятнок, бофарханг, мавқеи шаҳрвандии принсипиалӣ;

- рушди нигоҳдории тандурустӣ ва бехатарии донишҷӯён ва ҳайати профессорон ва кормандон, ташаккули тарзи ҳаёти солим;

-таъсиси системаи низоми муосири соҳаи тиб ва маориф, ки ба татбиқи инноватсионӣ нигаронида шудааст, усулҳо ва технологияҳои омӯзишдар ин самт.

**Мақсади дурнамои рушди Донишкада рушди системанокии он мебошад, ки он фаъолиятҳои зеринро дарбар мегирад:**

-рушди таҳсилоти олӣ ва иловагии касбӣ мувофиқи талаботи муосири рушди босуръати ҷумҳурӣ ва байналмилалии бозори меҳнат;

-ташкили механизмҳои рушди устувори маориф, системаи он навсозии доимӣ бо назардошти талаботи иҷтимоӣ ва иқтисодии истеъмолкунандагон хизматрасониҳои таълимӣ (шахсият, ҷомеа ва давлат).

**Вазифаҳо барои ноил шудан ба ҳадафи рушди Донишкада:**

-рушди идоракунии дурнамо ҳамчун системаи идоракунии ҳама намудҳо фаъолияти ба сифати тайёр кардани мутахассисон нигаронидашуда;
-модернизатсияи фаъолияти таълимӣ, аз ҷумла системаи муттасил дар соҳаи тиб ва маориф;
-такмили фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ ва инноватсионӣ;
-такмили сиёсати кадрӣ ва рушди иқтидори кадрӣ;
-навсозии фаъолияти тиббӣ ва механизмҳои ҳамкорӣ бо ташкилотҳои амалии нигаҳдории тандурустӣ;
-рушди системаи ҳамкории байналмилалӣ ва робитаҳои беруна:
-рақамикунонии системаи идоракунии донишкада, муҳити тадқиқоти таълимӣ ва илмӣ, беҳтар намудани муҳити иҷтимоӣ ва таълимӣ;
-такмил ва рушди заминаи моддию техникӣ;
-таъмини бехатарии ҳаёти кормандон ва донишҷӯёни донишкада .

**5.2. Механизми рушди донишкада**

Рушди иқтисодиёт ва эҳтиёҷоти инноватсионии муосир донишкадаро муаззаф менамояд, ки моделҳо ва механизмҳои нави рушдро ҷустуҷӯ намоянд, вазифаҳои комилан навро ҳал кунанд, фаъолияти инноватсиониро дар доираи таҳсилот, ки ба як соҳаи муҳими дурнамо, манбаи дарозмуддати фаъолият табдил меёбанд, инкишоф диханд, рақобатпазирӣ, механизмҳои самараноки рушд ба донишкада имкон медиҳанд, ки нақши нави ба зиммаи он гузошташударо вобаста бо талаботи ҷумҳурӣ ва ҷомеа иҷро намоянд: ҳамчун марказҳои пешбар оид ба таълими илм ва тадқиқот ва конструкторҳо, тиҷоратӣ кардани натиҷаҳои тадқиқоти илмӣ ва омӯзиши захираҳои кадрии давлат баромад кунанд.

Механизми рушди фаъолияти таълимӣ, илмӣ, тарбиявӣ, муолиҷавӣ ва инноватсионии донишкада ба оғоз намудани таъсири ҳамоҳангӣ, таҳкими мутақобила, дар шакли фаъолгардонии равандҳо ва пурзӯр кардани кӯшишҳои ҳамаи иштирокчиёни фаъолияти таълимӣ дар самти фаъолияти донишкада нигаронида шудааст.

Дар доираи таҳияи механизми рушди дурномои донишкада, ҳадафи асосии рушд, ки онро рисолат, сиёсати донишкада, ҳадафҳои стратегӣ ва самтҳои асосии фаъолият муайян кардааст, амалӣ карда мешавад. Барои амалӣ намудани мақсад, ҳадафҳои стратегӣ ва Сиёсати сифат Барои Барномаи рушд, ҳамчун Барномаи корпоративии донишкада, ки ба механизмҳо ва самтҳои асосии рушд ва инчунин системаи идоракунии стратегӣ асос ёфтааст, ташаккул меёбад. Системаи идоракунии стратегӣ як раванди даврии банақшагирӣ, татбиқ, назорат ва такмил додани фаъолияти Донишкада мебошад, ки бо қарорҳои самараноки идоракунӣ амалӣ карда мешавад. Самтҳои пайдарпайи механизм такмили

системаҳои (равандҳои) функсионалӣ, таҳлили стратегӣ ва дурнамо барои рушди донишкада мувофиқ карда мешавад.

Механизми рушди дурнамои фаъолияти таълимӣ, муоличавӣ, тарбиявӣ, илмӣ ва инноватсионии донишкада, ки минбаъд амалӣ карда мешаванд, аз панҷ мариҳила иборат аст:

**Марҳилаи аввал-** интихоби навъи механизми рушд, ки ба Барномаи рушди донишкада ва нақши фаъолияти таълимӣ дар он комилан мувофиқ аст. Интихоб намуди механизм як қарори муҳими стратегӣ мебошад, ки вобаста ба он донишкад бояд Барнома ва нақшаи мувофиқро таҳия намуда, дурнамои рушди фаъолияти худро муайян намояд.

Дар доираи ташаккул ва татбиқи оянда Барнома, Донишкада як ҳавасмандкуниро бо унсурҳои механизми танзими рушдкарда интихоб намояд. Воситаҳои бозор ва маркетинги стратегӣ дар фаъолияти механизми ҳавасмандгардонии рушд нақши пешбаранда мебозанд. Ин талаботҳо ба тавлид ва тиҷоратикунонии инноватсияҳо, афзоиши ҳаҷми хизматрасонӣ ва баланд бардоштани сатҳи пешниҳоди онҳо мусоидат мекунанд. Дар ибтидо, ин талаботҳо дар асоси технологияҳои муосир ва барномаҳои методию таълимии дар донишкада таҳияшуда рушд меёбанд, ки ин имкон медиҳад, татбиқи онҳо дар раванди такмил ва ба ин васила рақобатпазирии умумии хатмкунандагон дар бозори хизматрасониҳои таълимӣ баланд бардошта шавад.

**Марҳилаи дуюм** - муайян кардани ҳадафҳои рушди фаъолияти дохилӣ. Дурнамои стратегӣ ва дастурҳои стратегии донишкада, ки аз ҷониби роҳбарияти донишкада муайян карда мешавад, ҳамчун меъёри самтҳои дахлдори рушди донишкада баромад мекунанд. Ташабусҳо оид ба татбиқи тадбирҳо оид ба ноил шудан ба ҳадафи стратегии донишкада дар асоси омӯзиши принсипи «аз поён ба боло» (ташаббуси ҳайати профессорону омӯзгорони донишкада ва донишҷӯён) бо принсипи «аз боло ба поён» (дастгирӣ ва рушди тадбирҳо аз ҷониби роҳбарияти донишкада ба донишҷӯён).

**Марҳилаи сеюм** - муайян кардани самти сохтории механизми рушди донишкада. Механизми рушд дар донишкада аз самтҳое иборат аст, ки бо ҷузъҳои асосии Барномаи рушди донишкада муайян карда шудаанд. Унсурҳои ташкулдиҳандаи механизми рушди фаъолияти инноватсионӣ дар донишкада инҳоянд:

-усулҳои интихобкардаи роҳбарият барои ноил шудан ба ҳадафҳое, ки ба рушди фаъолияти инноватсионӣ дар донишкада нигаронида шудаанд;

-воситаҳо ё маҷмӯи воситаҳое, ки барои рушди фаъолияти таълимӣ ва илмӣ дар донишкада истифода мешаванд, ба инҳо дохил мешаванд:

-маъмурӣ, молиявию иқтисодӣ, иттилоотӣ, иҷтимоӣ, худбаҳодиҳӣ ва ғайра;

Wondershare PDFelement

-қоидаҳои муқарраршуда ва собитшудаи ширкати субъектҳои раванди таълим, дар раванди рушди донишкада;

-шаклҳо – ин ташкилоти мушаххаси унсурҳо дар доираи механизми интихобшудаи рушди донишкада мебошад;

-катализатор - ҳолатҳое ки суръати ташаккули шароитро тағйир медиҳанд, ки дар натиҷаи амалӣ гардондани механизми тараққиёт тавассути ҳамкории сершумори фосилавии субъектҳои раванд ба вуҷуд омадааст.

Дар асоси мундариҷаи Барномаи донишкада, самти муҳим механизмҳои рушд инҳоянд: инфрасохторӣ, технологӣ, молиявию иқтисодӣ, ҳамгироӣ, захиравӣ, маърифатӣ, рақобатпазирӣ.

Самти инфрасохтор маҷмӯаи сохторҳои ба ҳам алоқаманд ё объектҳои хизматрасонӣ мебошад, ки барои фаъолияти системаи ҳамкории дохилии донишкада асос ёфтаанд. Самти технологӣ рушди технологияҳои таълимӣ ва илмии воситаҳои раванди илмӣ ва таълимиро таъмин мекунад. Молиявию иқтисодӣ ҳамчун унсур дар шакли заминаи моддию техникӣ, таҷҳизот ва сиёсати молиявии Донишкада пешниҳод мешавад. Механизми ҳамгироӣ маҷмӯи функсионалии самти зарурӣ барои фаъолияти пурмаҳсули тамоми система тавассути ҳамкории идоракунӣ мебошад. Самти захиравӣ таъмини ҳама намуди захираҳо: молиявӣ, инсонӣ, моддӣ, иттилоотиро дарбар мегирад, ки дар маҷмӯъ барои татбиқи умумии Барнома имкон медиҳанд. Унсури маърифатӣ базаи донишҳоест, ки дар натиҷаи омӯзиши қаблӣ ва таҷрибаи ҷамъшуда асос ёфтааст, таҳия шудааст. Самти мубориза модели рафтори оптималиро (қарорҳои идоракуниро) дар ҳолатҳои хатарҳои баланд инъикос мекунад ва муҳити бехатартарии амалиётиро ташкил медиҳад.

**Марҳилаи чорум** - интегратсияи самти сохторӣ мебошад. Дар натиҷаи ба ҳам пайвастани элементҳои гуногуни механизм сохтори асосии механизм ба вуҷуд меояд, ки бо роҳи муқаррар намудани параметрҳои миқдорӣ ва сифатии ҳар як элемент ба ҳаракат даровarda мешавад. Дар Барнома параметрҳо ҳадафҳои лоиҳаҳо мебошанд.

**Марҳилаи панҷум** мониторинги фаъолияти механизм мебошад, ки таҳлили мутобиқати механизми татбиқшавада ба стратегияи рушди донишкадаро дарбар мегирад. Барои рушди донишкада омӯзиши унсурҳои система ва рушди мутаносиби ҳар як ҷузъи механизми рушд аҳмияти хоса дорад, зеро сатҳи нокифояи намояндагӣ (ё набудани) унсурҳо дар механизм мафҳумҳои асосиест, ки сабаби номутаносибии натиҷаҳои тараққиёти донишкада мегардад.

**Чорабиниҳои асосӣ, ки дар марҳилаҳои мониторинг амалӣ карда мешаванд:**

-ҷамъовари маълумот дар бораи ҳолати татбиқи лоиҳаҳои муаяннамудаи Барнома;

-ба низом даровардвани иттилоот барои истифодаи минбаъда ва навсозии самтҳои рушди донишкада;

-таҳияи усулҳои асосии таҳлил ва ҷамбасти натиҷаҳо;

Wondershare PDFelement

-таҳлил, ҳавасмандгардонӣ ва мутобиқшавии субъектҳои раванди таълим ба тағйирёбии шароити рушди донишкада.

Татбиқи механизми рушд, ин ҳамкории фаъол бо муҳити беруна, яъне ҳамкорӣ бо муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ ва хориҷи кишвар мебошад. Натиҷаҳои таҳлили самаранок махсусан имкониятҳои тараққиёт ба ҳар як шарикони ҳамкор ба тариқи фардӣ ба роҳ монда мешавад.

Раванди ниҳоӣ – механизми танзим аст. Баъди ба охир расонидани маниторинг танзими механизми рушд гузаронида мешавад, ки барои таъмини механизм иҷрои вазифаҳои он ва фароҳам овардани шароити зарурӣ барои рушди минбаъдаи фаъолияти таълимӣ, муолиҷавӣ, тарбиявӣ, татқиқотӣ ва инноватсионии донишкада зарур аст.

## 6.ФАЪОЛИЯТИ АСОСИИ БАРНОМАИ РУШДИ ДОНИШКАДА

### 6.1.Лоиҳаи “Модернизатсияи фаъолияти таълимӣ”

Ҳадафи навсозии фаъолияти таълимии Донишкада дар солҳои 2023-2028 таъмини омодасозии кадрҳои баландихтисоси тиббӣ, тиббӣ-иҷтимоӣ-психологӣ, психологияи тиббӣ, реабилитологҳои тиббӣ ва фармасевтӣ мутобиқи тамоюлҳои ҷорӣ ва ниёзҳои афзалиятноки системаи тандурустии ҷумҳурӣ ва байналмилалӣ мебошад.

**Роҳбари лоиҳа:** муовини ректор оид ба таълим.

#### 6.1.1. Вазифаҳо ва фаъолияти лоиҳа

| № п/п | Вазифаҳо | Чорабиниҳо | Ҷадвали татбиқ |
|---|---|---|---|
| 1 | Ҷалби довталабон беҳтарин ба донишкада | 1.Баланд бардоштани самаранокии чораёни қабул – осонгардонии дастрасии ҳуҷҷатҳо тавассути хидмати “Онлайн қабул ба донишкада” (барои шаҳрвандони хориҷӣ) | 2023-2028 |
| | | 2. Ҷорӣ намудани системаи стипендияҳои номӣ барои ҷавонони боистеъдод | 2023-2028 |
| | | 3. Муқаррар намудани баҳои ҳадди ниҳоии довталабон дар сатҳи донишгоҳҳои пешбари тиббии кишвар | 2023-2028 |
| 2. | Модернизатсияи банақшагирии барномаҳои таълимӣ аз рӯи сатҳи таҳсилот | 1.Татбиқи мониторинг талабот ба барномаҳои таълимӣ ва самти касбии хатмкунандагон бо назардошти тамоюлҳои ватанӣ ва тандурустии солимӣ мувофиқ ба сатҳи байналмилалӣ | 2022-2025 |
| | | 2.Нақшабандии барномаҳои таълимии дараҷаи бакалавр ва мутахассис бо назардошти талаботи стандартҳои касбӣ, ҷонибҳои манфиатдори дохилӣ ва беруна | 2023-2025 |
| | | 3.Аккредитатсияи байналмилалии барномаҳои зинаи бакалавриат ва мутахассиси ихтисосҳои амалкунандаи донишкада” | 2025 |

Wondershare PDFelement

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | 4.Васеъ намудани доираи барномаҳои таълимии ординатура, таълимӣ минбаъдаи касбӣ, ба талаботи бозори меҳнат бо назардошти талаботи тартиби аккредитатсияи мутахассисон нигаронида шудааст. | 2027-2028 |
| | | 5.Васеъ намудани доираи барномаҳои магистр ва ординаторӣ, ки бо талаботи бозори меҳнат нигаронида шудаанд. | 2026-2028 |
| 3. | Таъмини сифати баланди устувор ва талабот ба барномаҳои таълимӣ | 1.Татбиқи лоиҳаи “Сифати таҳсилот ҳамчун асоси донишҳои касбии хатмкунандагони донишкада” | 2023-2025 |
| | | 2. Модернизатсияи лоиҳаи “Арзёбии сифати таҳсилоти довталаб барои гирифтани дарача ва унвони илмӣ, ҳамчун чузъи системаи сифати раванди таълим дар донишкада” | 2024-2025 |
| | | 3. Таҳия ва татбиқи лоиҳаҳо: “Мактаби аълочии тиббӣ”, “Партали рақамии омӯзгор” | 2024-2025 |
| | | 4.Гузаронидани арзёбии маниторинги сифати таълим /аккредитатсияи давлатӣ ва чамъиятии барномаҳои таълимӣ | 2024-2025 |
| | | 5. Тачдиди назар намудани барномаҳои таълимӣ, барои барномаҳои бакалаврӣ, мутахассис, магистратура ва дигар зинаҳои таҳсилот дар ҳамкорӣ бо корфармоёни соҳа | 2024-2025 |
| | | 6.Ташкили дорухонаи таълимӣ, ташкили таълими амалии донишчӯён дар он ва аккредитатсияи мутахассисони дорои таҳсилоти олии касбӣ ва фармасевтӣ дар заминаи он | 2024-2025 |
| | | 7.Оптимизатсияи нишондиҳандаҳои сифат барои татбиқи раванди таълим аз рӯи ихтисосҳо ( соҳаи таълим ) | 2024-2025 |
| | | 8. Афзоиши кори мустақилона бо истифода аз усулҳои фаъоли таълим таълим, ки маҳорат ва малакаҳои амалии худомузиро ташаккул медиҳанд, аз чумла истифодаи технологияҳои моделиронӣ | 2024-2025 |
| | | 9. Рушди минбаъдаи заминаи моддию-техникии донишкада ва клиникаи он | 2024- 2025 |
| 4. | Низоми рақамикунонии фаъолияти донишкада | 1. Рушди инфрасохтори таҳсилоти рақамӣ | 2025 |
| | | 2. Таҳияи маводҳои таълимии рақамӣ ва арзёбии рақамӣ | 2023 |
| | | 3. Васеъ намудани номгӯи маводҳои таълимии иттилоотии истифодашаванда, аз чумла аз хорича | 2023-2024 |
| | | 4. Омодасозии профили рақамии донишчӯён | 2023 |

Wondershare PDFelement

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | 5. Таҳияи маҷмуъӣ таълими методии фанҳо (МТМ) ва пурра кардани онҳо аз беҳтарин курсҳо ва барномаҳои аз ҷониби дигар муассисаҳои таълимӣ таҳияшуда | 2024 |
| | | **6**. Ташкил ва татбиқи донишщи Саводнокии рақамӣ ва IT-технологияҳо | 2023-2025 |
| 5. | Пешбурди технологияҳои инноватсионии таълимии худ ба бозори технологияҳои таълимии ватанӣ ва хориҷӣ | **1.** Ҷалби мутахассисони касбӣ аз хориҷӣ кишвар барои ҳамкорӣ дар самти таълим дар самти ихтисос ва "Салоҳияти коммуникативии забони хориҷӣ" | 2023-2025 |
| 6. | Таҳияи Барнома роҳнамоии касбӣ | 1. Ташкил ва такмли додани шаклҳои иҷрои барномаҳои таълимӣ дар Донишкада; таълими иловагӣ барномаҳои касбӣ, ташкил намудани "Рӯзи дарҳои кушод" барои ҷалби довталабон ба донишкада | 2023-2028 |
| | | 2. Кушодани синфҳои иловагии тиббӣ | 2023-2025 |
| | | 3. Такмили маълумот оид ба роҳнамоии касбӣ барои довталабон: таҳияи барномаи экскурсия дар атрофи донишкада. Ҷалби донишҷӯён курсҳои болоӣ барои гузаронидани экскурсияҳо дар атрофи донишкада (дастаи волонтёрҳо) | 2023-2025 |
| | | 4. Таъсиси ситемаи дастгирии тиббӣ-иҷтимоӣ ва психлогияи тиббӣ ва педагогӣ барои интихоби касб барои довталабон ва донишҷӯён | 2023-2025 |
| | | 5. Ташкили ҷамъияти миллии хонандагон дар заминаи донишкада ва таҳияи чорабиниҳои муштараки лоиҳавӣ | 2023-2025 |
| | | 6. Ташкили бонки электронии маълумотҳои "Кӯдакони боистеъдод" ва системаи ҷустуҷӯ ва дастгирии ҷавонони боистеъдод дар силсила: довталаб – донишҷӯ – аспирант (резидент) – табиб | 2023-2025 |
| 7 | Иштироки маркази шуғл дар татбиқи рисолати сеюми донишкада | 1.Инкишофи ҷамъияти хатмкунандагон (Ассотсиатсияи хатбкунандагони донишкада) ҳамчун воситаи баланд бардоштани сатҳи шуғли донишҷӯён ва ба кор таъмин намудани хатмкунандагон | 2026-2027 |
| | | 2. Ташаккули арзишҳои инсондӯстона дар доираи хизамати касбӣ | 2023-2025 |
| | | 3. Рушди шарикии иҷтимоии донишкада бо корфармоён | 2023-2025 |
| | | 4. Ҳамкории шабакавӣ барои рушди малакаҳои тиббии донишҷӯён, таҳррезии самти иҷтимоӣ ва ғайра | 2023-2025 |

Wondershare PDFelement

| | | | |
|---|---|---|---|
